Тақриз
ба автореферати рисолаи диссертатсионии Иброимова Гуландом Наимовна таҳти унвони «Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2023. – 24 с.

Омӯзишу таҳқиқи муродифоти грамматикӣ барои забони тоҷикӣ бо ному пайкори илмии профессор Баҳриддин Камолиддинов ва мактаби илмии мавсуф иртибот дошта, дар ин замина то ба имрӯз аз тарафи профессор М.Мирзоева, номзади илм Ш.Исмоилова ва дигарон корҳои шоиста ба анҷом расиданд. Рисолаи диссертатсионии мавриди тақриз, ки ба қалами унвонҷӯ Иброимова Гуландом Наимовна тааллуқ дорад, мавзуи мазкурро пайгирӣ намуда, «Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»» унвон гирифтааст.

Ба мавзуи мазкур даст задани муаллиф шоистаи дастгирист, зеро забони насри ривоятӣ дар забоншиносии тоҷик хеле кам мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар ин самт, асосан, муҳаққиқ А.Қориев таҳқиқот анҷом додааст.

Рисолаи мавриди назар аз мукаддима, се боб (бо фарогирии чандин зербоб) ва хулоса иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, аҳаммияти таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, манбаъҳои таҳқиқ, арзиши назарияви у амалии таҳқиқ, асосҳои назарияви у методологии таҳқиқ, равишҳои илмии таҳқиқ ва ғайра асоснок карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия ««Чор дарвеш» ва таҳқиқи муродифоти ибораҳо ва ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик» унвон дошта, фарогири чаҳор фасл аст. Дар фаслҳои боби мазкур масъалаҳои муқаддамотӣ (фасли якум), омӯзиши муродифоти наҳвӣ дар забоншиносии тоҷик (фасли дуюм), пажуҳиши муродифоти наҳвӣ дар забоншиносии рус (фасли сеюм) ва таҳқиқи воҳидҳои наҳвӣ ва муродифшавии онҳо дар шевашиносии тоҷик (фасли чаҳорум) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф собит менамояд, ки дар роҳи таҳқиқу омӯзиши ибораву ҷумлаҳои сода корҳои зиёде ба анҷом расидаанд, вале дар мавриди муродифгардии воҳидҳои синтаксис, махсусан дар мавриди насри ривоятӣ, ҷойи баҳс боқист.

Боби дуюми рисола «Қолибҳои ибораҳои исмии изофии ҳаммаъно дар «Чор даврвеш»» номгузорӣ шуда, аз чаҳор фасл иборат аст. Фасли якуми боби мавриди таҳлил «Муродифоти қолибҳои ибораҳои исмии изофӣ» ном дошта, ба доираи таҳқиқ ибораҳои исмии «Чаҳор дарвеш» вобаста ба мансубияти ҷузъи асосӣ ва тобеъ ба ҳиссаҳои нутқ мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар асоси таҳлили маводи гирдоварда аз асари мавриди таҳқиқ унвонҷӯ ба хулосае мерасад, ки «байни унсурҳои дохилии ибора алоқаҳои гуногуни наҳвӣ мавҷуд аст» (с.13).

Муродифоти ибораҳои изофӣ бо навъҳои дигари ибора, аз ҷумла ҳамроҳӣ, вобастагии пешояндиву пасояндӣ ва ғ., ҳамчунин, баръакс, муродифоти ибораҳои ҳамроҳӣ бо изофӣ, пешояндӣ бо изофӣ, пасояндӣ

бо изофӣ ва ғ. дар фасли дуюми боби дуюм ҳадафи таҳқиқ қарор гирифтааст.

Фасли сеюми боби дуюм «Муродифоти ибораҳои изофӣ бо навъҳои дигари ибора» унвон гирифта, ба таҳқиқи муродифоти ибораҳои изофӣ бо ибораҳои вобастагии пешояндиву пасояндӣ, ҳамроҳӣ ва бараъкс, ихтисос дорад.

Таҳқиқи муродифоти ибораҳои сифативу ҷонишинӣ ва шумаравӣ дар фасли чаҳоруми боби дуюм таҳқиқ шудааст, ки «Муродифоти ибораҳои сифатӣ, ҷонишинӣ ва шумаравӣ дар «Чор дарвеш»» ном дорад.

Фасли чаҳоруми боби дуюм «Муродифоти ибора бо калимаҳои мураккаб ва баръакс» унвон гирифта, муродифоти ибораҳо, хосатан изофӣ, бо вожаҳои мураккаб ҳадафи таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин фасл усули омор фаровон ба кор рафта, маълум гардидааст, ки вожаҳои мураккаб дар 14 қолаби калимасоз ташаккул ёфтаанд. Сермаҳсултарин қолаб исм + исм (бо 132 вожаи мураккаб) ба шумор омада, каммаҳсултарин қолаб ҷонишин + феъл аст, ки ду калима ба бор овардааст.

Боби сеюми диссертатсия «Муродифоти ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»» унвон дорад, ки аз се фасл фароҳам омадааст. Объекти таҳқиқи фасли якуми боби сеюм «Муродифоти хелҳои коммуникативии ҷумлаҳои сода» унвон дошта, аз ду зерфасл иборат аст. Дар зерфасли якум муродифоти ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ ва дар зерфасли дувум ифодаи инкор дар асари «Чор дарвеш» таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Фасли дуюми боби сеюм ба омӯзиши муродифгардии қолабҳои аслӣ ва ҳосила ихтисос дошта, «Муродифоти қолабҳои аслӣ ва ҳосила» унвон гирфитааст. Дар натиҷаи таҳқиқи маводи «Чор дарвеш» ҷамъоварда унвонҷӯ собит намудааст, ки ҷумлаҳои сода бо ҷумлаҳои мураккаб метавонанд, ки хусусияти муродифӣ пайдо намоянд. Чунончи: *Ман рухсат додам, ки дарояд / Ман рухсати даромадан додам* (с.16-17).

Фасли сеюми боби сеюм «Муродифоти хелҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати таркиб» унвон дошта, аз ду зерфасл иборат аст. Дар зерфасли якум муродифоти ҷумлаҳои содаи дутаркиба бо ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дар зерфасли дувум муродифоти ҷумлаҳои содаи яктаркиба ба риштаи таҳлил гирифта шудааст.

Дар қисмати хулосаи автореферат унвонҷӯ бардоштҳои худро дар 17 банд мушаххас ҷамъбаст намудааст.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ, ки миқдори онҳо нуҳ адад аст, мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна, ки дар заминаи таҳлили 444 ибораву ҷумла рӯйи кор омадааст, кори баанҷомрасида буда, мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштаи унвонҷӯ иҷро шудаанд.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур баъзе аз лағзишу норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар нашрҳои ояндаи кор судманд хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Зерфасли дуюми боби сеюм, ки «Муродифоти ҷумлаҳои содаи яктаркиба» унвон дорад, хеле кам муаррифӣ шудааст (ниг.: с.18).

2. Банди 7-уми хулосаи диссертатсия хусусияти умумӣ дошта, бояд ба аввали хулоса ҷой дода шавад (с.20).

3. Дар автореферат ғалатҳои услубӣ (с. 5, 10, 11), имлоӣ (с. 3, 9, 12, 13, 19), китобат (с. 3, 14, 15) роҳ ёфтаанд.

Эродҳои мазкур ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба сифати диссертатсия таъсир намерасонанд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна таҳти унвони «Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»» аз рӯйи мубрамият ва сатҳу савияи таҳияи худ ба талаботи бандҳои 31-33-юми Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия – Иброимова Гуландом Наимовна, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Доктори илми филология,
профессори кафедраи забони
тоҷикии МДТ-и «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Ҳасанзода А.

Номзади илми филология,
дотсент, мудири кафедраи забони
тоҷикии МДТ-и «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Олимҷонов М.

«25» майи соли 2023

«Имзоҳои профессор А.Ҳасанзода ва дотсент М.Олимҷоновро тасдиқ менамоям».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.

«26» майи соли 2023